**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи «Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

Ислоҳотҳое, ки дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён дорад ба ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, ки бо талаботҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудаанд, равона гардидааст, ки дар радифи онҳо рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ, мутобиқсозии раванди таълим ба эҳтиёҷоти шахсият, фароҳам овардани имконият барои мутобиқшавӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ва равандҳои инноватсионӣ таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо қарор дорад. Тамоюлҳои ҷаҳонии рушди муосири низоми таҳсилот бо пайдоиши муҳити нави фаъолияти он алоқаманд аст.

Мавзуи интихобнамудаи Мирмаматова Манижа Рустамовна таҳти унвони “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ”, дар марҳилаи муосири рушди таҳсилот хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти муҳим ва мубрам маҳсуб будани он далолат медиҳад.

*Натиҷагириҳои муаллиф дар* заминаи таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи масоили таҳқиқшаванда имкон фароҳам овардааст, муаллиф ба чунин *навгониҳои илмии таҳқиқот* ноил гардад, ки дар нуктаҳои зер ифода ёфтаанд: мураккабию бисёрҷабҳагии мафҳуми “муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим” муайян гардида, гунаи мукаммалтари он ҳамчун мафҳуми интегралию комплексӣ пешниҳод шудааст;-шароитҳои

педагогии ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба таълим, ки самаранокии онро чун талаботи инфиродии таҳсили хонандагон зимни муайян намудани мазмуни таълим таъмин менамоянд ва ҳамгироии шаклҳои гуногуни мазмуну мундариҷаи таълим, истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ муайян гаштаанд; - усулҳои амалигардонии ин шароитҳо дар раванди воқеии таълим бо назардошти талабот ба кадрҳои баландихтисос, ки барои баландбардории натиҷаҳои таълим дар мактаб имкон фароҳам меорад, коркард шудаанд; - амсилаи педагогӣ асоснок ва таҳия гаштааст, ки ба ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудаанд.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти аз тарафи* Мирмаматова Манижа Рустамовна гузаронидашуда дар бунёди равишҳои таҳлилию ташхисии истифодашуда метавонанд ҳамчун маводи методӣ ҳангоми тадриси машғулиятҳои амалии мувофиқ ба эътибор гирифта шаванд; натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун заминаи мувофиқи иттилоотӣ барои таълифи монография ва дастурҳои таълимию методии ба мавзӯъҳои муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, андозагириҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои математикӣ оморӣ дар таҳқиқотҳои педагогӣ ва монанди инҳо хизмат намояд. Истифодаи методикаи муносибати инфиродӣ – тафриқавии коркардшуда ба баландбардории сатҳи натиҷабахшии таълими мактаббачагон, тағйир ёфтани муносибати онҳо ба таҳсил, инкишофи мақсаднок бо хусусиятҳои шахсӣ ва фитрӣ мусоидат мекунад.

*Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсияи* Мирмаматова Манижа Рустамовна бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали таҳқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунанд, алоқамандии назария бо амалияи кор дар мактабҳои озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии

таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди натиҷаҳо нигаронидашуда; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шудаанд. Эътиборнокии санадҳои дар ҷараёни таҳқиқ бадастомада инчунин бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим тасдиқ шудаанд.

Ҷолиби қайд аст, ки аз тарафи Мирмаматова Манижа Рустамовна оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ гузаронида шудааст.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола Мирмаматова Манижа Рустамовна хеле дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ” таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст мутобиқ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, ____________Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович

Имзои М.А.Худойназаровро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои ДОТ дар ш.Панҷакент ____________ Қурбонов М. Л.

19.08.2025